Ба Шурои диссертатсионии 6DKOA-001
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати дессертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)” аз руйи ихтисоси 23.00.04 - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ**

Дар шароити муосир манфиатҳои миллӣ унсури ҳаётан муҳимми кишварҳо эътироф гардидааст. Бо дарназардошти вазъияти муосири геополитикӣ ва муносибатҳои мавҷудаи байнидавлатӣ зарурат пеш омадааст, ки давлатҳои қафомонда ва рӯ ба инкишоф барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва механизмҳои таъмини ҳимояи онҳо дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ воситаҳои судмандро амалӣ намоянд.

Давлат доимо дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ, барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ талош менамояд. Равандҳои мазкур баъзан дар шакли мубориза ва гоҳе дар шакли ҳамкорӣ зоҳир мегарданд. Шаклҳои мубориза ва ё ҳамкорӣ аз манфиатҳои миллии мамлакат вобаста аст, зеро давлатҳо барои ҳимояи манфиатҳои миллии худ манбаъҳои мухталиф ва технологияҳои гуногунро истифода намуда, натиҷаҳои нобаробар ба даст меоранд. Дар чунин ҳолат, афзалияти як давлат нисбат ба дигар давлат мушоҳида мешавад ва дар ниҳоят бархӯрди манфиатҳо ба вуҷуд меоянд.

Низоми сиёсии олам мураккаб аст ва хусусияти асосии онро муқовимати устувори байни давлатҳои миллӣ, бархе аз давлатҳо ва ширкатҳои фаромиллию блокҳои ҳарбию сиёсӣ ташкил медиҳанд. Ҳар яке аз ин ниҳодҳо мекӯшанд, ки дар набарди муборизаҳои доимӣ мақом ва нақши хосаеро соҳиб бошанд. Акторҳои сиёсати ҷаҳонӣ аз тамоми имкониятҳо истифода намуда, шароити бештари фаъолиятро пайдо кардани мешаванд.

Ҳамин тавр, дар заминаи таҳлили масъалаҳои вобаста ба манфиатҳои миллӣ ва механизмҳои таъмини онҳо метавон хулоса намуд, ки ҳар кадоми онҳо дорои хусусиятҳои худ буда, муносибати соҳавиро тақозо менамоянд. Дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ, мо таснифи манфиатҳои миллии дохилӣ ва хориҷиро гузаронидем. Муайян карда шуд, ки давлат ҳамчун актори муҳимми муносибатҳои байналхалқӣ дар

ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷии худ манфиатҳои миллии дохилиро низ афазалиятнок мешуморад.

Ҳамзамон, бо ин робитаи мутақобилаи байни манфиатҳо ва таҳдидҳо низ аз нуқтаи назари геополитикӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд. Дар натиҷа муайян гардид, ки вобаста ба табиат ва мазмуни манфиатҳо таҳдидҳо низ ба вуҷуд омада, ташаккули механизмҳои таъминкунандаи ҳимояи онҳоро тақозо менамоянд.

Хулосаи мо аз натиҷаи таҳлили масъалаҳои дар доираи автореферат баррасишуда ин аст, ки дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки омилҳои гуногунро истифода намуда, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва амнияти давлатиро таъмин созад, онро такмил ва таҳким бахшад, зеро манфиатҳои миллӣ ва механизмҳои таъмини ҳимояи онҳо омили муҳимтарини давлатдорӣ маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи номзадии Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)” аҳамияти муҳим дошта, баҳри шинохти масъала мазкур мусоидат менамояд. Муаллиф, мавзӯи мазкурро таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-методологӣ намуда, унсурҳои асосии омӯзиши масъаларо нишон додааст. Дар автореферат, таҳқиқоти мазкур ба таври мукамал пешниҳод гардида, ҳадаф ва дурнамои он муайян шудааст.

Ҷанбаи дигаре, ки мубрамияти омӯзиши масъаларо асоснок мекунад, таҳқиқи сатҳи ҳимояшавандагии манфиатҳои миллӣ дар равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир мебошад. Зеро, хусусияти мураккаб ва пуртазоди равандҳои сиёсӣ сатҳи ҳифзи манфиатҳои миллиро осебпазир гардонидааст. Ҳадафҳои геополитикии давлатҳои абарқудрат таҳдиду хатарҳои навро ба амният ва манфиатҳои миллии давлатҳои қафомонда ва рӯ ба инкишоф пеш оварда истодааст. Дар ин замина, муносибати бисёрҷанба ва фарогир ба омӯзиши масъалаи мазкур зарур мебошад.

Бояд гуфт, ки мақсади таҳқиқот омӯзиши роҳу воситаҳои самараноки ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ, муайян намудани мушкилиҳо ва таҳлили пешниҳодҳо баҳри ҳифзи манфиатҳои миллӣ бо дарназардошти хавфу хатар ва таҳдидҳои ҷаҳони муосир мебошад.

Муаллиф барои ба таври мукамал омӯхтани мавзуъ масъалаҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- омӯзиши асосҳои назариявӣ ва методологии манфиатҳои миллӣ, муайян намудани моҳият, мазмун ва хусусиятҳои онҳо;
- таҳқиқи заминаҳо ва механизмҳои сиёсии ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ, асосноккунии моҳият ва хусусиятҳои он;

- таҳлил ва муайян намудани қонунияти ташаккули таълимоти нав оид ба зарурат ва моҳияти низоми нави ҷаҳонӣ;
- муайян намудани хусусияти манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизмҳои таъмини ҳимояи онҳо дар низоми нави ҷаҳонӣ;
- муайян ва асоснок намудани ҷанбаҳои таҳдидовари низоми нави сиёсӣ ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди механизмҳои самараноки муқовимат ба он;
- таҳқиқи вазъи геополитикии муосир ва асосноккунии таъсири равандҳои сиёсӣ ба осебпазирии манфиатҳои миллӣ дар Тоҷикистон.

Муаллиф дар автореферат кӯшиш намудааст, ки фишурдаи рисоларо ба таври мукамал пешниҳод намояд. Дақиқ будани маълумот, истифодаи сарчашмаҳои расмӣ, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаи таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин мекунанд.

Ҳамин тариқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсияи номзадии Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)" дар он аст, ки дар он масъалаи муҳимми ҷомеаи муосир мавриди баррасӣ қарор гирифта, доир ба шарҳу тавзеҳи он дидгоҳи муфассал оварда шудааст.

Дар баробари комёбиҳои дар болозикршуда, автореферати рисолаи илмӣ аз норасоиҳо орӣ нест, ки онро метавон дар чунин шаклҳо пешниҳод намуд:

1. Муаллиф масъалаи роҳу воситаҳои ҳифзи манфиатҳои миллиро хуб ба роҳ мондааст, вале беҳтараш он аст, ки ба таснифати манфиатҳои миллӣ бештар таваҷҷуҳ мекард.
2. Зарур аст, ки муаллиф раванди хатарнокии низоми нави ҷаҳониро ба манфиатҳои миллӣ муайян намояд.
3. Дар боби якум, параграфи дуюм муҳаққиқи рисолаи илмӣ доир ба масъалаи Консепсияи низоми нави ҷаҳонӣ ҳамчун раванди сиёсии фарогир таҳқиқот анҷом додааст, аммо ҷузъиёти бештари он дар автореферат ба назар намерасад.

Рисолаи диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, баъзе камбудиҳои ҷузъии ҷойдошта, арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия ва методҳои истифодагардидаи он пурра ба талаботи пешниҳоднамудаи корҳои илмӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, барои

дарёфт намудани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 - Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Муқариз:
Муовини ректори ДДТХ
оид ба таълим, номзади
илмҳои сиёсӣ, дотсент Аҳмадиён Ш. Р.

Имзои Ш. Р. Аҳмадиён-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳои ДДТХ Асоев С. П.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН
ТАСДИҚ МЕКУНАМ
имзо Аҳмадиён Ш.Р
« 29 » 05 с. 2024